# ТАҚРИЗИ

**муқарризи холис ба диссертатсияи** Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии **диссертатсияи** Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле муҳим арзьёбӣ гардида, ба таҳқиқоти ҳозиразамон ва актуалӣ маҳсуб будани он шаҳодат медиҳад.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Худойназаров М.А. як қисмати муҳими нақшаи илмӣ-тадқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент буда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифода шуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, **боэътимодӣ ва асоснокии**

**натиҷаҳои таҳқиқот,** нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» моҳият ва мундариҷаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлил шуданд, сохтори мундариҷавии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон баррасӣ гардида, хулосаҳо бароварда шуданд.

Дар боби дуюми диссертатсия «Технологияи педагогии инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ» таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он таҳлили коркард ва истифодаи китоби дарсии электронӣ ҳамчун воситаи самарабахши технологияҳои иттилоотӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон амалӣ гардида, ҷанбаи мундариҷавии истифодаи босамари амсилаи графикӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон муайян карда шудааст, самаранокии мундариҷаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим баҳо дода, хулосаҳои дахлдор бароварда шудаанд.

Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои сершумори фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва донишкадаҳо таҳия гардидааст.

Дар диссертатсия асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои

инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон– ошкор карда шудааст; амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон коркард ва тариқи таҷриба санҷида шудааст; таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таҳия ва коркард шудааст; истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон аз озмоиши санҷишӣ ва таҷрибавӣ гузаронида шудааст

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки:

–маводҳои дидактикӣ дар шакли адабиёти электронӣ, модули ҷадвалии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон омода карда шудааст;

–дастурҳои методӣ оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар раванди таълим таҳия шудаанд;

–натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ-методӣ аз рӯи мавзӯи марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим истифода шаванд.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, арзёбии диалектологии раванди таълиму тарбия, равшану возеҳ будани фарзияи (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Омӯзиш ва таҳлили назариявӣ ва амалӣ, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, коркарди микдорӣ ва сифатии натиҷаҳои он аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим бо инобати имконоти асосии педагогӣ ба беҳтар шудани вижагиҳои когнитивии ташаккули психологии хонандагон, афзоиши ангезанокии фаъолияти таълимӣ, ташаккули саводнокии хонандагон оварда мерасонад ва мувофиқан, фарзияи тадкиқотро тасдик менамояд.

Умуман, диссертатсияи Худойназаров М.А. таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва рисола ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия дода мешавад.

Муқарризи холис, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ш.Панҷакент: Ғаффоров Мизроб

Имзои М. Ғаффоровро тасдиқ менамоям.
Сардои РК ва КМ ДОТП: Қурбонов М.